ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2025. – 178 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии Мадизода Умеда Муҳаббат ба ҳалли яке аз мавзуъҳои мубрами адабиёти форсии тоҷикӣ-суннати татаббуъсароӣ ва омилҳои пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули он бахшида шуда, ба бандҳои 9-10-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

Мубраммии мавзуи таҳқиқ. Татаббуъсароӣ дар таърихи шеъри форсии тоҷикӣ таҷрибае ҳунарӣ, олимона ва устувор ба қоидаҳое будааст, ки на фақат доштани иттилооти дақиқ аз ин мероси адабии мавҷуда, балки омили эҳтиром ва пайравӣ ба усули ҳоким ба тарзи эҷоди ин навъи шеърӣ низ мегардидааст. Ба ин далел, баррасӣ ва арзёбии робитаи ҳунарии шоирони татаббуъсаро фарогири мутолиаи амиқи қиёсӣ ва шинохтани хусусиятҳои жанрӣ ва ҳунарии татаббуъ буда, ин ҳодисаи адабӣ ифодагари робитаи дарунии осори бадеӣ, аз ҷумла татаббуъ мебошад, ки дар пайравии шеъри шоирони даврахои гуногун эҷод шудаву таҳаввул ёфтааст.

Кашфи ин иртибот аз мушкилоти асосии назарӣ ва амалии адабиётшиносӣ буда, баррасии ҳаматарфаи он барои муайян намудани мавқеи ҳунарии ин ё он шоири татаббуъсаро ва раванди минбаъдаи инкишофи ин навъи шеър муҳим мебошад. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши сайри таҳаввули татаббуъ дар адабиёти асрҳои XI-XII таъйинкунандаи равишҳо ва ҳудуди тозаҷӯӣ ва тақлид буда, моҳияти пайравии як шоирро аз шеъри шоири дигар муайян ва мушаххас менамояд.

Ба ин далел, диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат таҳти унвони «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» тадқиқоти муҳим ва саривақтӣ дар илми адабиётшиносӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои мавриди назар аз аҳамияти хос бархурдор мебошад.

Дар диссертатсия хусусиятҳои жанрӣ, сайри таърихӣ ва зинаҳои ташаккул ва таҳаввули ин навъи адабӣ ҳаматарафа таҳқиқ шуда, муаллиф дар раванди омӯзиш масъалаҳои мубрами илмӣ, аз ҷумла

хусусияти жанрии татаббуъ, тозаҷӯй ва таклид ба шеъри сармашқ, равишҳои усулии пайравии шоирони даврахои гуногун ба шеъри ҳамдигар, вижагиҳои сохтори мундаричавӣ ва бадеиву сабкии татаббуотро баррасӣ ва арзёбӣ кардааст, ки актуалии мавзуи мазкурро таъйид менамояд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дар диссертатсия бори аввал масъалаи татаббуъ дар шеъри асрҳои XI-XII ва сайри таърихиву таҳаввули он ба таври густурда таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, дар ин замина татаббуоти шоирони давраи мазкур таҳқиқ ва нақши ҷустуҷӯҳои онҳо дар таҳаввули ин навъи шеър муайян ва мушаххас карда шудааст. Муаллиф нахуст хусусиятҳои татаббуоти шоирони ин давра, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асҷадӣ ва нақши ҳар кадомеро дар диссертатсия муайян карда, сипас раванди таъсирпазирии баъдиниёнро аз онҳо мушаххас намудааст. Дар вақти таҳлил ва арзёбии ҳунари шоирони татаббуъсаро вижагиҳои сабк ва усули корбурди саноеи бадеӣ аз ҷониби онҳо муайян ва моҳияти ҷустуҷӯҳои онҳо дар такмили сохтори жанрии қасида мушаххас карда шудааст. Дар заминаи таҷрибаи шеъриии шоирони ин давра баррасӣ ва арзёбӣ намудани ибтизол ва сирқати адабӣ аз навиҳои дигари кори диссертатсионӣ буда, дар асоси таҳқиқи тадбиқии мазмунҳои татаббуот, тафовутҳои ҳунарӣ ва тозакориҳои шоирон анҷом гирифтааст. Баррасӣ ва муайян намудани усули пайравии шоирони ин аҳд аз ҳамдигар ва хусусиятҳои мусбату манфии ҷустуҷӯҳои онҳо низ аз равиши тозаи таҳқиқи мавзуи рисолавӣ мебошад.

Мадизода Умеда Муҳаббат барои анҷом додани кори таҳқиқотиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 4 банд манзур намудааст, ки муҳтавои асосии фаслу бобҳоро инъикос карда, дар самти таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои назарӣ ва амалии татаббуъ ва ҷойгоҳи он дар адабёти форсии тоҷикӣ аҳамияи хоси илмӣ доранд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта, бо он асоснок карда мешавад, ки дар рисола аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба манфиати кор баҳрабардорӣ шуда, дар ин замина муъҳумоти сарчашмаҳо асосан мушаххас мебошанд. Илова ба ин, ҳаҷми маводи таҳқиқӣ, коркарду натиҷагириҳо ва теъдоди маводи нашршуда дар мавзуи диссертатсисонӣ ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ааз рӯйи ихтисоси номбаршуда мувофиқат менамоянд. Омӯзиш ва таҳқиқи қиёсии сарчашмаҳои боэъибори илмиву адабӣ,

интихоб ва истифодаи дурусти метоҳои таҳқиқии баррасӣ ва арзёбии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки хулоса ва тавсияҳои боваринок бароварда, дурнамои мавзӯи таҳқиқро муайян намояд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омада, ҳаҷми умумии он 178 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳамияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд мушаххас гардида, натиҷаҳои таҳқиқ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал, ки **«Маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ»** ном дорад, довталаби дараҷаи илмӣ дар такя ба фарҳангу луғатҳо ва кутуби улуми балоғӣ маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъро таҳқиқ ва мушаххас карда, ҳамхонӣ ва муносибати онро бо истилоҳоти иқтифо, иқтидо, ҷавобгӯй, назирагӯй ва иқтироҳ муайян намудааст. Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки татаббуъ ҳамчун василаи робитаи дохилии адабӣ ва таъсирпазирии шоире аз шоири дигар аз ибтидо дар адабиёти форсии тоҷикӣ вуҷуд дошта, бо номҳои гуногун ёд шуда ва бо гузашти замон таҳаввул ёфтааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия, ки **«Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу инкишофи татаббуъ»** унвон дорад, заминаҳои таърихӣ ва омилҳои адабию фарҳангии пайдоиш ва ташаккули ин навъи адабиро таҳқиқ ва мушаххас намудааст. Унвонҷу авзоъ ва аҳволи сиёсиву иҷтимоиро заминагузор ва омили асосии пайдоиш ва рушди татаббуъ дониста, ба ин натиҷа расидааст, ки алоқамандӣ ва таваҷҷӯҳи аҳли дарбор ба шоирон ва тамоюли таърифу тамҷиди шоирон аз онҳо заминаи таърихӣ ва адабию фарҳангиро барои пайдоиш ва таҳаввули ҳаматарафаи татаббуъ фароҳам овардааст. Ин раванд дар диссертатсия ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳури таъсир ва робитаи эҷодии байни шоирони даврахои гуногун низ таъбир шудааст.

Диссертант дар фасли сеюми боби аввал, ки **«Сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввули ин навъи адабӣ»** номида шудааст, анъанаҳои татаббуъсароиро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мурур карда, дар

асрҳои нуҳу даҳ ва ёздаҳу дувоздаҳ зинаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввулро тай намудани онро бо далелҳо мушаххас месозад. Хулосаи ӯ ин аст, ки шоирони татаббуъсаро анъанаҳои шоирони пешинро идома дода, ин таҷрибаро ҳамчун василаи таъсирпазирӣ ва пайвандҳои адабию ҳунарӣ дар тӯли асрҳо равнақ бахшидаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Нақши шоирони ҷудогона дар ташаккули татаббуъ»** ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст, таҷрибаи татаббуъсароии баъзе шоиронро ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва тарзу тариқи баҳрабардорӣ аз шеъри сармашқро таҳқиқ ва баррасӣ кардааст.

Дар фасли аввали ин боб таҳти унвони **«Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ»** имтиёзоти ҳунарии шоирони зикршуда дар қасидасароӣ ва таъсири онҳо ба тафаккури бадеии шоирони дигар баррасӣ шуда, дар ин замина таъсирпазирии Амир Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Масъуди Саъди Салмон, Рашиди Ватвот, Саноӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва баъзе шоирони дигар аз тарзи нигориши шоирони ёдшуда ва тозакориҳои онҳо дар ин раванд ба таври муқоисавӣ нишон дода шудааст.

Дар фасли дуюми ин боб, ки **«Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он»** ном дорад, раванди пайравӣ ё худ ҷавобгӯии шоирон ба шеъри мавриди таваҷҷӯҳашон ва моҳияти ҷустуҷӯҳои онҳо дар ин замина таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Таҳқиқи муқоисавии унвонҷӯ нишон медиҳад, ки пайравии тарзи нигориши соҳиби шеъри сармашқ барои шоирони татаббуъсаро фақат пайравӣ ва тобеияти ҳунарӣ набуда, шакли хоси намоиши ҳунар, робитаи адабӣ ва таъсирпазириву баҳрагирӣ аз таҷрибаи волои эҷодӣ низ мебошад. Муаллиф бо далелҳо собит кардааст, ки аксари шоироне, ки дар ин давра дар адабиёт ҷойгоҳи худро пайдо кардаанд, мувофиқи талаботи ҳунари татаббуъсароӣ ба шеъри ҳамдигар ҷавоб гуфта, дар ин равиш мавзуъ, вожаҳои такягоҳиву таъбирҳо, дарунмояи шеъри сармашқ ва тарзи нигориши шоири қаблиро ҳифз кардаву ташаккул бахшида, осори наве офаридааанд, ки бо тозагии ғоя, тасвири бадеӣ ва такмили зарбу оҳанги шеъри ҷавобӣ имтиёз доранд.

Боби сеюм **«Хусусиятҳои сохтори мундаричавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуот»** унвон дошта, ду фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб унвонҷӯ масъалаҳои ҳунари мазмунофарӣ, тарзи тасвир ва сабки шоирони татаббуъсароро таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.

Дар фасли аввали ин боб **«Мундаричаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он»** фикр ва маънои ҳоким дар татаббуоти асрҳои XI-

XII ва моҳияти дарунмояи он таҳқиқ ва арзёбӣ гардидааст. Муаллиф зимни таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ ба ин натиҷа расидааст, ки шоирони татаббуъсарои ин давра, аз ҷумла Муиззӣ, Саид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ зери таъсири воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замон на фақат мазмунҳои мадҳӣ, балки масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқиро низ дар ин навъи шеър инъикос намудаанд. Эътироз ба носозиҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва амалу кирдори шахсиятҳои ҷудогона ҷузъи дигари мундариҷаи татаббуоти шоирон будааст.

Фасли дуюми боби мазкур **«Хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот»** номида шуда, унвонҷӯ нахуст миқёс ва диди замонии шеъри шоирони ин давраро дар такя ба андешаҳои онҳо, шоирони баъдӣ, муаллифони кутуби адабию таърихӣ ва муҳаққиқони замони мо муайян карда, сипас ҷустуҷӯҳои бадеиву сабкии шоирони ин давра, аз ҷумла Муиззӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Саид Ҳасани Ғазнавӣ, Анварӣ ва баъзеи дигарро дар муқоиса бо бадеияти тасвир ва сабки Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ ба таври мушаххас нишон додааст. Дар ин равиш саҳлии лафз, равонии матлаб ва ибороти азбу латифро муаллиф аз хусусияти умдаи бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирони ин давра ба назар овардааст.

Хулосаи диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат муҳимтарин бардоштҳои илмии унвоҷӯро дар бар гирифта, дар 13 банд фароҳам омадааст ва дар фаровард ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ ишора шудааст. Ҳамчунин оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки барои истифодаи амалӣ муфид мебошад. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия таҳия шудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия, дар он зоҳир мешавад, ки сайри таҳаввули татаббуъ ва нақши шоирони асрҳои XI-XII дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавию бадеии он, усули таъсирпазирӣ аз қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ, моҳияти таҷриба ва ҳунари шоирӣ дар эҷоди татаббуъ ва равишҳои пайравии шоирон аз ҳамдигар ҷузъи муҳимми раванди инкишофи шеъри форсиии тоҷикӣ буда, таҳқиқи бамуддао ва моҳиятҷӯёнаи ин масъала холигоҳеро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ пур ва арзиши назариву амалии таҳқиқотро муайян менамояд.

Ба ин далел, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомгирифта метавонад зимни нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули татаббуъ, таҳияи маводди таълимӣ, воситаҳои ёрирасони таълими таърихи адабиёт ва омода кардани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёт барои таълимгоҳҳо, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз назария

ва амалияи татаббуъсарой дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олии мамлакат мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин дар диссертатсия таъкид гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифи диссертатсия метавонад дар эҷоди корҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва масъалаҳои назарии адабиёт мавриди истифода қарор гирад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Довталаби дараҷи илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқии хеш дар умум 6 мақола интишор намудааст, ки аз онҳо 4 ададашон дар маҷаллаҳои илми тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди нашрнамудаи диссертант масъалаҳои муҳим ва меҳварҳои асосӣ, натиҷаҳои зарурӣ ва мундариҷаи диссертатсияро таҷассум карда, якҷо бо суханрониҳои илмии диссертант дар конфронсҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ саҳми шахсии ӯро муқаррар месозанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба мушоҳида расид, ки зикри онҳоро воҷиб медонем.

1. Унвонҷӯ хуб мешуд, боби аввалро «Сайри таърихӣ ва раванди таҳаввули татаббуъ» унвон карда, маънои луғавӣ, истилоҳӣ, заминаҳову омилҳои пайдоиш ва ташаккули ин навъи шеъриро дар ду фасли дигар таҳқиқ мекард.

2. Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули татаббуъ комил набуда, унвонҷӯ бештар дар заминаи хусусияти мадҳии ин навъи шеър ин масъаларо шарҳу тафсир кардааст.

3. Фасли сеюми боби якум ва ду фасли боби дуюм аз ҷиҳати ҳаҷм аз фаслҳои дигари диссертатсия бартарӣ доранд. Ин омил боис шудааст, ки унвонҷӯ дар ин фаслҳо бештар ба масъалаҳои дуюмдараҷа диққат диҳад.

4. Дар боби сеюми рисола, ки «Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуъ» унвон дорад, таваҷҷуҳ ба таҳқиқ ва таҳлили муҳтаво ва дарунмояи татаббуот бештар шудааст. Ҳол он ки масъала

мушаххас намудани ҷанбаи бадеӣ ва хусусияти сабки шоирони татаббуъсаро дар ин самт мебошад.

5. Дар матни диссертатсия хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба мушоҳида расид, ки ислоҳи онҳо зарур ва ногузир аст.

Камбудиҳое, ки зикр шуд, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши бунёдии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат ба дараҷаи лозимии илмию пажуҳишӣ таълиф шуда, вазифаҳои ба миён гузошташуда бомуваффақиқят иҷро гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Ашурова Нодира Ҷумаевна

04.02.2026

Нишонӣ:735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ориёно, 2/28
E-mail: shokhnoma@mail.ru
Тел: (+992) 918133849
Имзои Н.Ҷ. Ашуроваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатов Миралӣ Абдусамадович

Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj
Тел: (833-22) 2-35-06
04.02.2026